**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Имрӯз яке аз мушкилиҳои асосии таъмини рушди устувори ҷомеа бо пурзӯр намудани муборизаи зиддитерористии фаъолияти сохторҳои қудратии кишварҳои мухталиф алоқаманд мебошад. Аз таҷрибаи ҷаҳонии муқовимат алайҳи терроризм ва экстремизм бармеояд, ки манбаъҳои зиёди зоҳиршавии терроризм ва амалҳои террористӣ хусусияти беэътиноии дағалонаро нисбат ба қонун ва ахлоқ нишон дода, ба ҳамкориҳои байналмилалӣ монеъ эҷод мекунанд, аз набудани суботи сиёсӣ истифода намуда, ба озодию асосҳои демократӣ ва низоми ҳуқуқии дилхоҳ давлат халал мерасонанд. Масъалаи таъмини суботи сиёсӣ аз таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ масъалаи меҳварии илми ҷомеашиносии муосир ба ҳисоб рафта, ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёти ҷамъиятиро дар бар гирифта, пайдошавии буҳронҳои нав ва тазодҳои гуногунро дар рушди ҷомеа бартараф мекунад.

Автореферати диссертатсияи Ҷ.А. Мадвалиев дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа» ба масъалаҳои муҳими илмҳои ҷомеашиносӣ бахшида мешавад. Автореферати диссертатсияи А.Ҷ. Мадвалиев аз муқаддима, тавсифи умумии тадқиқот, қисмҳои асосии таҳқиқот, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи интишороти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ва аннотатсияи диссертатсияи иборат буда, дар ҳаҷми 33 саҳифаи матни чопӣ иҷро шудааст.

Муаллиф дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқотиро асоснок намудааст. Ба андешаи муаллиф яке

аз падидаҳои хатарноке, ки дар ибтидои асри XXI ба суботи сиёсии аксари давлатҳои олам, аз ҷумла ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдид менамояд, терроризми байналмилалӣ мебошад.

Мубрамии таҳқиқи мавзуъ бо рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ асоснок гардида, тавсеаи шабакаи интернет ва рушди илму техника ба ташкилотҳои террористӣ имконият додаанд, ки на танҳо роҳу усулҳои фаъолияти худро тағйир диҳанд, балки аз сатҳи миллию минтақавӣ ба сатҳи байналмилалӣ бароянд. асоснок мешавад. Махсусан, ба андешаи муаллиф хавфу хатари аз ҷониби террористон истифода гардидани яроқи қатли ом ва дигар дастовардҳои илмию технологӣ рӯз то рӯз меафзояд, зарурати муайян намудани воситаҳои муҳимми ҳамбастагии мубориза бар зидди терроризм, таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрии миллиро ба амал меорад, ки дар таъмини суботи сиёсии ҷомеа нақши барҷаста дорад.

Дар автореферати диссертатсия дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, ки аз солҳои 1970 сар карда фаъолияти олимону муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илмро дар бар мегирад, ба таври мвфассал таҳлил шулааст. Олимонеро, ки дар асарҳои илмию таҳқиқотии худ ба масъалаи терроризм таваҷҷуҳи зарурӣ додаанд, дар автореферат ба панҷ гурӯҳ ҷудо шудааст. Гурӯҳи аввалро асарҳои илмию таҳқиқотии олимони аврупоӣ ва амрикоӣ ташкил медиҳанд, ки бештар ба сабабҳои пайдоиши терроризм ва заминаҳои ташаккулёбии фаъолияти террористии ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ диққат додаанд. Аз ин рӯ, дар таҳқиқоти онҳо радикализми динӣ, исломгароӣ, экстремизми динӣ ҳамчун заминаи пайдоиши терроризм дониста шудаанд. Гурӯҳи дуюмро асарҳои олимони рус ки, дар заминаи андешаҳои олимони сатҳи ҷаҳонӣ ва назарияҳои террологҳо хусусиятҳои муҳимми терроризм, сабабҳои пайдоиш ва шаклҳои зоҳиршавии онҳо нишон додаанд, ташкил мекунанд. Дар асарҳои олимони гурӯҳи сеюм тафовути байниҳамдигарии терроризм, амалҳои террористӣ, фаъолияти террористӣ, шаклҳои зоҳиршавии терроризм, аз қабили терроризми муосир, терроризми компютерӣ, терроризми ҷиҳодӣ, ҷиноятҳои дорои характери

террористӣ ва монанди инҳо таҳқиқ гардидаанд. Гурӯҳи чорумро асарҳои илмию таҳқиқотии олимони ватанӣ ташкил медиҳанд. Масъалаҳои ҷудогонаи терроризм, аз ҷумла моҳият, хусусият, сабабҳои пайдоиши амалҳои террористӣ, омилҳо ва заминаҳои ташаккули терроризм омӯхта шудаанд. Гурӯҳи панҷумро таҳқиқотҳои диссертатсионӣ ташкил медиҳанд, ки ба масъалаи терроризм ва фаъолияти террористии ҳизбу ҳаракатҳои экстремистию террористӣ бахшида шуда, аз ҷониби файласуфон, муаррихон, ҳуқуқшиносон, ҷомеашиносон низ таҳқиқ гардидаанд. Ба андешаи довталаб дар илмҳои сиёсӣ омӯзиши ин масъала бо назардошти ҳифзи суботи сиёсӣ ва таҳкими пояҳои давлатдорӣ бояд сурат гирад.

Дар тавсифи умумии таҳқиқот дар хусуси объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, мақсади таҳқиқот, асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, навгонии илмиии таҳқиқот, ҳолатҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра ифода ёфтаанд.

Мақсади асосии таҳқиқот бо таҳқиқи хусусиятҳои муҳимми терроризми замони муосир, баррасии таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишон додани роҳу воситаҳои мубориза бо терроризм иборат мебошад. Вазифаҳои таҳқиқот аз таҳлили асосҳои назариявию консептуалии масъалаҳои ҷудогонаи терроризм, нишон додани моҳият ва хусусиятҳои муҳимтарини терроризми муосир, таҳқиқ намудани алоқамандии терроризм бо идеологияҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ, таҳлилу баррасӣ намудани шаклҳои мухталифи зоҳиршавии терроризм, нишон додани махсусиятҳои зуҳури амалҳои террористӣ дар олами муосир, таҳқиқ намудани махсусиятҳои низоми мубориза ба муқобили терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити ҳозира, нишон додани таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, асоснок намудани хусусиятҳои мубориза бо ин зуҳурот дар шароити навини давлатдорӣ, таҳлили масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти зиддитеррористӣ ва пешомади инкишофи онҳо ва нишон додани

дурнамои таъмини суботи сиёсӣ ва пешгирии амалҳои террористӣ дар шароити имрӯза иборат мебошад.

Дар рисола объекти таҳқиқот бо муайян кардани хусусияти терроризм ва амалҳои террористӣ дар замони муосир алоқаманд мебошад. Ба сифати предмети таҳқиқот - таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад.

Дар боби аввали диссертатсия «Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи масъалаҳои терроризми муосир» муаллиф асосҳои назариявию консептуалии тадқиқи терроризм ва амалҳои террористиро мавриди баррасии амиқ қарор додааст, ки он аз се зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар асоси муносибатҳои илмӣ оид ба фаҳми террор, терроризм, терроризми муосир ва амалҳои террористӣ ва зоҳиршавии он ҳарф зада, ба ғояҳои назариявии муҳаққиқони илмҳои ҷомеашиносӣ такя намудааст.

Дар боби дуюм – «Фаъолияти террористӣ ва таъсири он ба суботи сиёсии ҷомеа» аз се зербоб иборат буда, масъалаҳои ташаккул ва инкишофи низоми мубориза ба муқобили терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити ҳозира, хусусиятҳои мубориза бар зидди зуҳуроти гуногуни терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти зиддитеррористӣ ва пешомади инкишофи онҳо баррасӣ гардиданд.

Дар хулоса натиҷаҳои ба даст овардашуда ва тавсияҳои муаллиф барои истифодаи амалии натиҷаҳои тадқиқот баён гардидаанд. Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои муаллиф барои муайян кардани терроризм ва амалҳои террористӣ ва роҳу воситаҳои мубориза бо он мусоидат менамоянд.

Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Автореферат ва корҳои илмие, ки доир ба мавзуи таҳқиқотӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи ватанӣ чоп гардидаанд, мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври васеъ инъикос менамоянд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович дар мавзуи “Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа” ба талабот ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори шарафёр гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

Муқарриз:

Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Тураева З.Ю.

Суроға: шаҳри Душанбе, к. С.Носир 33
Тел: 904484458

Имзои З.Ю. Тураеваро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳои Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ғаюров Ф.З.

«13» апрели 2024